# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна дар мавзӯи «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D012000 – Таълими касбӣ (6D012001.02 Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ)**

Мавзӯи рисолаи илмии Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна яке аз мавзӯъҳои актуалӣ ва басо муҳим ба ҳисоб меравад, зеро ҷамъият дар ҳамаи давру замон ба одамони фаъолу боистеъдод талабот дошт, бинобар ин ҷидду чаҳди доимӣ ба фаҳмидани табиати эҷодиёт, ошкор сохтани қонуниятҳои он, саъю кӯшиши ба вуҷуд овардани назарияе, ки раванди мураккаби фаъолияти эҷодии инсонро кушода медиҳад, табиӣ ва мантиқӣ аст.

Таъмини маълумоти босифат мувофиқи талаботҳои таъҷилии шахсият, ҷомеа ва давлат вазифаи муҳимтарини сиёсати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудааст. Ташаккулии қобилияти эҷодӣ яке аз проблемаҳои таъхирнопазири педагогикаи муосир мебошад, ки на танҳо барои рушди илм, фарҳанг, технология, ҷамъоварии нерӯи зеҳнии инсон муҳим аст, балки асосан барои худшиносӣ, ташаккули фарҳанги умумии он ва барои дарки созандаи зуҳуроти ҳаёт муҳим аст.

Дар иртибот бо ин нукта зарурати такмили мундариҷа, шаклу методҳои раванди омодасозии касбии мутахассисон барои донишгоҳҳои олӣ қайд карда мешавад. Алҳол тағйироти мазкур дар самти фаъолгардонии захираҳои дохилии раванди таҳсил ва ошкор сохтани қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ идома доранд. Омӯзгор натанҳо бояд ба донишҷӯён дарс диҳад, балки дар онҳо қобилият ва талаботро ба муносибати эҷодӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ бедор намояд.

Дар кори диссертатсионии Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна мафҳумҳои “эҷодиёт”, “қобилият”, “қобилияти эҷодӣ” муайян карда

шудаанд; амсилаи раванди ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос коркард карда шудаанд; силсилаи тавсияҳои методӣ барои ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос коркард шуд; натиҷаҳои таҳқиқот барои омодагӣ ва коркарди маводи таълимӣ-методӣ заминаи назариявӣ фароҳам меоранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки коркард ва тариқи озмоиш санҷида шудани методикаи таълиме, ки мундариҷаи вариативии фаъолияти таълимии донишҷӯён дар устохонаи дӯзандагӣ, шакли инфиродии ташкили онро дар бар гирифта, ба ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ мусоидат менамояд. 3 дастурҳои таълимӣ - методии “Истифодаи қонуниятҳои нақшакашӣ дар тарҳрезии либос”, “Тарҳрезии либос” ва “Низоми автоматикунонӣ ва лоиҳакашии либос” аз ҷониби докторант коркардшуда, мавриди истифодаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар раванди гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва маҳфили “Тарроҳии либос” қарор гирифт.

Саҳеҳию эътимодбахшии муқаррароти илмӣ, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия баёнгардида тавассути методологияи муносибати системавӣ, консепсияи илмии ташхиси педагогӣ, такя ба усулҳои назариявию эмпириявии таҳқиқот, ҳамчунин бо таҳлили шароиту натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ пешниҳод шудаанд, истифодаи маҷмӯи усулҳое, ки ба ҳар марҳилаи таҳқиқот мувофиқу мутобиқанд, таҷрибаи шахсии кори муаллиф таъмин карда мешавад.

Дар навбати худ, мехостам сифатҳои шахсии Ӯзбекова Мунира Абдушукуровнаро низ қайд намоям. Боиси зикр аст, ки диссертант Ӯзбекова М.А. хатмкунандаи филиали Хуҷандии Донишкадаи политехникии Тоҷикистон ба номи ак. М. Осимӣ, ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ буда, пас аз хатми магистратура дар МДТ

“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” фаъолият бурда истодааст. Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна ҳамеша дар раванди корҳои илмиву ҷамъиятии кафедра, факултет ва донишгоҳ иштироки фаъолона дошта, байни ҳамкасбонаш соҳиби обрӯву эътиборро дорост.

Дар давраи таҳсил дар докторантура бошад, Ӯзбекова М.А. худро аз ҷиҳати мусбӣ нишон дода, имтиҳони маҷмӯиро бомуваффақият супоридааст.

Дар давраи таҳсил дар докторантура диссертант Ӯзбекова М. А. бо миқдори зиёди сарчашмаҳои педагогиву психологӣ вобаста ба мавзӯи илмӣ мавриди омӯзиш қарор дода, барои омӯзиши барномаи кории ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ ва фанни тарҳрезии либос ба якчанд донишгоҳҳои ҷумҳурӣ: МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ”, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон рафта, мустақилиятиву бомасъулиятӣ дар рафти иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ зоҳир намуда буд.

Аз тарафи диссертант Ӯзбекова М. А. он натиҷаҳое, ки дар раванди таҳқиқот соҳиб шуда буд, дар 29 адад корҳои илмиаш, аз ҷумла: 3 маҷмӯи маводи таълимӣ – методӣ, 11 мақолаҳои илмии дар нашриҳои бонуфузи тақризии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида, 13 мақола дар конфронси илмӣ-амалии вилоятиву ҷумҳуриявӣ ва 2 мақола дар маҷаллаи илмӣ-амалии байналмилалӣ ш. Саратови Федератсияи Россия инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Ӯзбекова Мунира Абдушукуровна таҳти мавзӯи «Ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯёни ихтисоси дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ дар раванди таълими фанни тарҳрезии либос» мустақилона анҷом дода шуда, ба ҳалли масъалаҳои мубрами педагогика нигаронида шудааст. Аз ҳамин лиҳоз, барои амалия ва назарияи педагогика аҳамияти калон дошта, метавонад барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос доир ба ихтисоси 6D012000-Таълими касбӣ (6D012001.02 Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) пешниҳод карда шавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи технология ва
методикаи таълими они МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров» Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович

Имзои А.А.Азизов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва КМ-и МДТ
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э. М.

**Маълумот барои тамос:**
**суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, г.Мавлонбеков-1
тел. (+992)927474115. Почтаи электронӣ: univer.81@mail.ru